**Зикриё Акрамӣ,**

**профессор, доктори илмҳои таърих**

# НАҚШИ ШАХСИЯТ ДАР ТАЪРИХ

Таърихи умумибашар шоҳид аст, ки дар раванди пурпечутоби ҳаводиси сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии миллатҳо ва давлатҳои ҷаҳон нақши шахсият басо бориз аст. Маҳз шахс ҳамчун роҳбар ва пешвои ҷомеа метавонад Ватан ва халқи худро аз бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ раҳо намояд ва ё ин вазъиятро муташанниҷ намояд.

Дар таърихи халқи тоҷик Куруши Кабир, Исмоили Сомонӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Бобоҷон Ғафуров ва дигар шахсиятҳои таърихӣ дар марҳилаҳои гуногуни миллат дар роҳи наҷоти миллату давлати тоҷик нақши худро гузоштаанд. Давраи навини таърихи миллати тоҷик, ки аз оғози истиқлолияти давлатӣ сар мешавад, бо номи шахсияти маъруфи таърихӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон пайвастагӣ дорад.

Дар таърихи инсоният ҳамаи халқҳои мутамаддин ва давлатҳо дар мирҳилаҳои гуногуни таърихи хеш марҳилаҳои тақдирсозро аз сар гузаронидаанд. Бухрони шаҳрвандӣ, чуноне ки аз таҳлили таҷрибаи таърихи умуиҷаҳонӣ бармеояд, аслан дар заминаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ, психологӣ, этникӣ ва миллӣ ба вуқуъ мепайванданд.

Агар таърихи асри XX-и халқи тоҷикро таҳлил намоем, маълум мешавад, ки аксар заминаҳои зикргардида мухолифати байни тоҷикон дар тӯли даҳсолаҳо пайдо шудаанд.

Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ аз лиҳози иқтисодӣ яке аз ҷумҳуриҳои қафомонда маҳсуб меёфт. Сиёсати рушди инфрасохтори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, бо назардошти манфиати давлати бузурги Шӯроҳо амалӣ мегардид. Маҳз аз ин сабаб инфрасохтор ва низоми коммуникатсионии Тоҷикистон аз лиҳози минтақаҳои табиӣ-иқлимӣ ва ҷуғрофии он тафовут дошт.

Хусусиятҳои вазъи демографӣ, ки дар охири солҳои 80-уми асри XX ба болоравии шумораи аҳолии аз истеҳсолот дур ва дар ибтидои солҳои 90-ум ба бекории амиқ оварда расонид, низ омили муҳими тезутундшавии вазъи иҷтимоӣ, пурқувватшавии бархӯрди шаҳрвандӣ маҳсуб меёбанд.

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ҳалли ҳамаи масъалаҳои ишорашуда ба зимаи худи халқ, ҷомеаи тоҷик, арбобони сиёсӣ ва ҷамъиятии тоҷикон вогузор гардид. Омили берунӣ низ дар вусъати муноқишаи миёни тоҷикон таъсири амиқ расонд. Агар иштирокчиёни асосии «бозии бузург» дар саҳнаи байналхалқӣ гирифтори густариши минбаъда ва таҳкими мавқеи хеш дар ҳудудҳои лагери сотсиалистии собиқ ва ҷумҳуриҳои қисмати аврупоии Иттиҳоди Шӯравӣ бошанд, пас

«бозингарони миёна» имконияти густариши таъсири сиёсӣ ва иқтисодии хешро ба гӯшаҳои ҷанубии ҳудудҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ - Осиёи Марказӣ ва Закавказия аз даст надоданд. Тоҷикистон барои онҳо бахри ба даст овардани ҳадафҳояшон, пеш аз ҳама, ҷиҳати тарғиби идеологияи хеш ва истифодаи минбаъдаи ҳудудҳои Осиёи Марказӣ бахри манфиатҳои иқтисодии худ ва минбаъд воридшавӣ ба ҳудуди Русияи Ҷанубӣ мувофиқ буд. Ҳамин тавр, воқеаҳои таърихии солҳои 1991-1992, ки бо омилҳои дохилӣ ва берунии дар натиҷаи чораҳои мушаххаси баъзе давлатҳои исломӣ ҷиҳати густариши таъсири хеш дар харобаҳои собиқ империяи Шуравӣ амиқ гардид, сабаби асосии ибтидои ҷанги шаҳрвандӣ маҳсуб меёбанд.

Лозим ба тазаккур аст, ки ба ивази хароҷоти зиёди моддӣ ва маънавӣ, инчунин, мубориза қаҳрамонона ва ҷонбозиҳои бемисл халқи тоҷик тавонист, ки амалҳои нопоки минбаъдаи экстремизм ва терроризм, ҷараёни мутаассиби динӣ ва густариши тартиботи истибдодии диниро на фақат ба Осиёи Марказӣ, балки ба тамоми қисматҳои ҷанубу шарқии қитъаи Авруосиё боздорад. Муқоиса ва таҳлили амиқи воқеаҳои таърихии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон баръало нишон медиҳанд, ки бо зафар пайдо кардан ва неруманд шудани ҷонибдорони тартиботи конститутсионӣ ва заиф гардидани гурӯҳҳои яроқноки лухтакмонанди экстремистӣ, ин кӯшишҳои ба минтақаи Кафқоз, ба хусус ба Ҷумҳурии Чеченистон, интиқол меёбанд.

Дар тамоми давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳокимияти қонунбарор Шӯроҳо ба ҳисоб мерафтанд. Ҳокимияти олии қонунӣ Шӯрои Олии ИҶШС ва Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон маҳсуб меёфтанд. Баъд аз қабули Эъломия дар бораи Истиқлолияти давлатӣ - 9 сентябри соли 1991 кишвари мо Ҷумҳурии Тоҷикистон ном гирифт ва ҳокимияти қонунӣ дар тамоми қишрҳои идоракунии давлатӣ Шӯроҳои депутатҳои сатҳҳои гуногун ба ҳисоб мерафт. Ҳамин тавр, органи олии қонунбарори Ҷумҳурии Тоҷикистон – Шӯрои Олӣ, ки аз ҷумлаи депутатҳои халқӣ бо роҳи овоздиҳии умумихалқӣ таркиб ёфта буд, дар ибтидои солҳои 90-ум ягона ҳокмияти қонунӣ буд. ҲКИШ ва Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон ҳанӯз дар давраи бозсозӣ, вақте дар Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон институти президентӣ таъсис ёфт, заиф гардид. Маҳз Шӯрои Олии ИҶШС ва Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар иҷлосияҳои худ бо роҳи овоздиҳии депутатҳо президентҳои мамлакатҳои хешро интихоб намуда буданд.

Дар Тоҷикистон маҳз парламент – Шӯрои Олӣ истеъфои президент Қаҳҳор Маҳкамовро қабул кард. Дар давраи байни истеъфои Қ.Маҳкамов ва интихоботи нави Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳз Шӯрои Олӣ идоракунии кишварро ба уҳда дошт. Интихоби Президенти навбатӣ Раҳмон Набиев бесамарии шакли президентии идоракуниро дар вазъияти мушаххаси таърихӣ дар Тоҷикистон маълум кард. Намоишҳои эътирозӣ дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе ба фалаҷ шудани ҳокимияти Р.Набиев оварда расонданд. Ҷустуҷӯи

василаҳои баҳамоӣ бо роҳи таъсиси шаклҳои гуногуни ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва гуфтушунидҳои намояндагони неруҳои даргир натиҷаи дилхоҳ надоданд. Баъд аз гуфтушунидҳои тӯлонӣ миёни гурӯҳҳои гуногуни муқобияткунанда, ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҷамоаҳои динӣ-фарҳангӣ ҳалли тақдири таърихии ҷамъият аз нав ба уҳдаи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ гузошта шуд. Мураккабӣ ва зиддиятнокии вазъи сиёсӣ зарурияти даъвати Иҷлосияи Шӯрои Олиро берун аз шаҳри Душанбе ба миён овард. Ҳамин тавр, Шӯрои Олӣ ба боварии халқ сазовор гардида, роҳҳои аз буҳрони сиёсӣ берун кардани ҷамъиятро меҷуст. Акнун роҳҳоиояндаи раванди таърихӣ аз Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста буд.

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кори худро амалан дар шароити набудани роҳбари қонунии давлат оғоз кард. Дар ҷараёни иҷлосия, баъд аз мубоҳисаҳои зиёд ҷиҳати идомаи иҷлосия, институти президентӣ барҳам дода шуда, Раиси Шӯрои Олӣ ҳамчун роҳбари давлат аз нав интихоб гардид.

Шакли президентии идоракунии давлат мутамарказонидани ҳокимияти васеъро дар ихтиёри шахси интихобгардида, ки барои қабули қарорҳо ҷавобгариро ба уҳда дорад, пешбинӣ менамояд. Дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ миёни гурӯҳҳои даргир, нигоҳ доштани чунин шакли идоракунӣ барои давлати тозабунёд на танҳо каммаҳсул буд, балки мураккабии вазъи сиёсиро дар дохили ҷамъият мутташаниҷ мегардонд. Дар иртибот ба ин, шакли парламентии идоракунӣ, вақте ки қарори қабулкардаи роҳбари мамлакат бо намояндагонии халқ мувофиқ карда шуда, дар натиҷаи овоздиҳии депутатҳои халқ амалӣ мегардад, ягона шакли мувофиқ дорои шароит маҳсуб меёфт.

Иттиҳоди мухолифини тоҷик беоқибатии мавҷуд набудани ҳокимияти қонунӣ ва роҳбари давлатро дарк карданд. Депутатҳои халқии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ягона роҳи ҳалли мушкилиро дар интихоби роҳбари нави давлат медиданд.

Ҳамин тавр, Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбари нави давлатро интихоб кард. Ба ин вазифа роҳбари 40-сола муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид. Ӯ наздикони худ – падар ва бародари калониашро аз даст дода буд, ҳамроҳи халқи худ солҳои вазнини оғози ҷанги шаҳрвандиро таҳаммул карда, аз хатарҳое, ки ба ҳаёти ӯ баҳри истиқрори сулҳ дар замини тоҷикон ваояндаи дурахшони фарзандон ва халқи азизаш таҳдид мекард, наметарсид. Саломатии бардавом, ҷасорат ва диловарӣ, заковат, меҳнатдӯстӣ ва матонат, ки ба ӯ табиатан эҳдо шудаанд, барои фаъолияти муваффақ ба сифати роҳбари давлат ва дар оянда ба сифати Пешвои миллат воқеан ҳам кумак расониданд.

Дар он рӯзҳо савол ба миён меомад, ки оё ҷавоне, ки таҷрибаи давлатдорӣ надорад, метавонад ҷумҳуриро идора намояд?. Аксарияти вакилон ва пешвоёни минтақавӣ ба интихоби Эмомалӣ Раҳмон танҳо бо мақсади боздоштани хунрезӣ ва ба воситаи ӯ барқарор намудани

вазъияти нисбатан мутадили сиёсӣ, розӣ шуда буданд. Онҳо ҳалли бомуваффақиятонаи вазифаҳои иқтисодӣ ва сиёсати хориҷиро тахти сарварии сиёсатмадори ҷавон ғайри имкон гумон карда, худро дар «тахт»-и Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол медиданд.

Аммо Эмомалӣ Раҳмон тамоми хусусиятҳои беҳтарини роҳбари давлатро дар ҳалли масоили сиёсати дохилӣ зоҳир карда, ҳамчун вакили соҳибтаҷриба дар саҳнаи сиёсати хориҷӣ баромад намуд. Барои Пешвои миллат, махсусан давраи аз моҳи декабри соли 1992 то моҳи ноябри соли 1994, марҳилаи вазнинтарин ба ҳисоб мерафт. Эмомалӣ Раҳмон дар ин марҳилаи фаъолияти хеш амалан дар ҳолати ҳарбӣ-саҳроӣ қарор дошт. Қисмати муайяни ҳудуди Тоҷикистон дар тахти назорати қумондонҳои ҳарбӣ-саҳроӣ қарор дошта буд.

Эмомалӣ Раҳмон мураккабии вазъият ва зарурати роҳандозии сиёсати нозуки дохилиро баҳри муттамарказонидани мамлакат ва унсурҳои давлат хуб дарк кард. Ӯ дар давраи гуфтушунидҳо бо иттиҳоди мухолифини тоҷик матонат, фазилати сиёсӣ, истеъдоди баланди дипломатӣ зоҳир намуд. Дар давраи фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар сохтори давлатӣ ва органи қонунбарори мамлакат ислоҳот гузаронида, Парламенти дупалатагии касбӣ, бисёрҳизбӣ – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод.

Дастоварди бузурги Пешвои миллат гузаронидани ислоҳот дар низоми молия ва ба истифода баровардани асъори нави миллӣ буд. Вазифаи стратегии мамлакат, амалан идеяи миллии халқи тоҷикро ташкил доданд. Пешвои миллат масоили иҷтимоии халқи хешро низ хеле хуб дарк мекунад. Навовариҳо, аз қабили танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа ва ғайра, ки бо ибтикори Пешвои миллат дар сиёсати иҷтимоӣ ворид гардиданд, дар ҳаёти моддӣ ва иҷтимоии миллати тоҷик таъсири куллӣ расониданд.

Фаъолияти беназири Пешвои миллат дар он зоҳир мегардад, ки ба масоили характери глобалидошта, ки хатари умумиинсониро ба миён оварда истодааст, бетафовут буда наметавонанд. Ӯ ҳамчун ташаббускори фаъоли барқарор кардан ва таҳким бахшидани амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ борҳо аз минбарҳои баланди иҷлосияҳои СММ, ҷаласаҳои созмонҳои байналмилалӣ диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба хатари таҳдидкунандаи терроризми байналхалқӣ ва экстремизми динӣ ҷалб кардааст. Тоҷикистон ба иштирокчии асосӣ ва ташаббускори фаъол дар масоили рушди минбаъдаи иқтисодӣ ва таҳкими нуфузи сиёсӣ дар саҳнаи байналхалқӣ, дар чорчӯбаи СММ, ИДМ, СҲШ, СААД ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ табдил ёфт.

Ибтикороти Пешвои миллати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон дар ибтидои асри XXI ҷиҳати ҳалли масоили об дар сатҳи ҷаҳонӣ саривақтӣ ва рӯзмарра буда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтанд. Дар ҳоле, ки роҳбарони давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ пайгири татбиқи ҳадафҳои тамаъкорона ва мустамликавии хешанд, Пешвои миллати тоҷик диққати кишварҳои пешқадами ҷомеаи ҷаҳониро бахри ҷустуҷӯи

роҳҳои наҷоти тамоми инсоният аз равандҳои манфии ҷаҳонӣ, ки ба мавҷудияти ҳаёт дар замин таҳдид мекунанд, ҷалб менамояд.

Бояд гуфт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти таърихӣ шинохта шудааст ва таҳти роҳбарии ӯ халқи тоҷикро ҳадафҳои созандаи азим дар пешанд. Таҷрибаи таърихии солҳои сипаришуда моро мутмаин месозад, ки ин вазифаҳо низ бомуваффақиятона ҳалли худро меёбанд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз имрӯз бештар мавқеи сазовори хешро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ишғол менамояд.